«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав, профессор
Давлатзода С.Х. ____________
«06» ___09______ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар - кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ба рисолаи номзадии Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзуи “Лашкардории Аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX - ибтидои асри XX)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2022. - 198 с.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзуи “Лашкардории Аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)” бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраҳои таърихи халқи тоҷик ва кафедраи умумӣ ва фарҳангшиносӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур кормандони кафедраҳо, аз ҷумла мудири кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносӣ, доктори илмҳои таърих, дотсент Д.Х. Алимов, доктори илмҳои таърих, профессор Гадозода А., мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик номзади илмҳои таърих, дотсент Ф.С. Наботов, номзади илмҳои таърих, дотсент С. Айниддин, номзади илмҳои таърих, дотсент Р.С. Казаков, номзади илмҳои таърих, саромӯзгор М.Ю. Баротов ва дигар омӯзгорони қаблан

бо матни диссертатсия шиносгардида иштирок ва суханронӣ намуданд.

Аз муҳокимаи устодон маълум гардид, ки рисола бо истифода аз манобеи бойгонӣ, осори хаттӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқону донишмандони соҳа дар сатҳи зарурӣ таълиф гардидааст ва ба омӯзиши яке аз масоили умда ва мубрами таърихи халқи тоҷик – лашкардории Аморати Бухоро дар охири асри XIX-ибтидои асри XX бахшида шуда, саҳифаи тозаеро дар илми тоҷик боз намудааст.

Ба андешаи мо, мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор гирифтани лашкардории Аморати Бухоро ҷиҳати рушди минбаъдаи давлатдории тоҷикон хеле зарур аст. Зеро таъсиси ҳар давлат дар ҳар замоне бо мавҷудияти лашкар иртиботи ногусастанӣ дорад. Лашкар, ҳамон тавре ки дар саҳифаҳои таърих мушаххас аст, яке аз сифатҳои азалии муайянкунандаи давлат, муҳимтарин бахши дастгоҳи идорӣ, мудофеъ ва пуштибони он аз хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳар ҷомеаи табақотӣ лашкар як вижагии органикии давлат ва абзоре барои татбиқи сиёсати он аст. Дар дарозои таърих лашкари ҳар давлат дорои шаклҳои хоси созмондеҳӣ, равишҳои мудирият, таъминот ва усулҳои омӯзиши мушаххасе мебошад. Таҳқиқ ва омӯзиши ин рукни давлатдорӣ, яъне лашкар, усулҳои созмондиҳӣ ва мудирияти он дар давраҳои пасини феодалӣ дар аморати Бухоро аз аҳаммияти муҳими илмӣ ва омӯзишӣ бархӯрдор аст.

Бо вуҷуди он, ки мавзуи рисолаи мазкур нахустин бор мавриди таҳқиқ қарор мегирад, доир ба лашкардории аморати Бухоро аз тарафи муаллифони маҳаллӣ, олимони рус ва хориҷ, сайёҳон ва мусофирони роҳ як силсила китобу ҷузваҳои арзишманд ба табъ расидаанд, ки паҳлуҳои гуногуни масоили мазкурро то андозае баррасӣ менамоянд. Омӯзиши тамоми маъхаз, адабиёти илмӣ, мақола ва бозҷустҳои марбут ба мавзуи мавриди назарро диссертант шартан ба чаҳор гурӯҳ ҷудо кардааст: ба гурӯҳи аввал осори таърихнигорони маҳаллӣ, ки дар замони худ фикр ва мулоҳизаҳои худро роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳлил иброз кардаанд, ба

гурӯҳи дуюм хотира ва ёддоштҳои олимону муҳаққиқони рус ва хориҷа дар замони забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва дар даврони тобеияти аморати Бухоро ба Россия, ба гурӯҳи сеюм осори олимон ва муҳаққиқони даврони Шуравӣ ва ба гурӯҳи чорум бозҷустҳои илмӣ ва пажӯҳишҳои олимонро, ки дар давраи баъд аз пош хӯрдани давлати Шуравӣ дар дохили кишвар ва берун аз он ба табъ расидаанд, дохил кардааст.

Муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ аз маводи бойгониҳо ва осори хаттии муаллифони маҳаллӣ, ки пойгоҳи асосии таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (БМД ҶӮз), инчунин аз маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо ва маҷмӯаи "Туркестанский сборник" (нусхаи электронии он) фаровон истифода бурдааст.

Дар рисола таъкид гардидааст, ки дар замони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хосе барои омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳои давраи пасини муносибатҳои феодалии Осиёи Миёна фароҳам омадааст. Бо дарназардошти зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик дар садаҳои миёна ва пасин мавуи лашкардорӣ, нақши лашкар дар умури сиёсӣ ва идории давлат ва мақоми он дар давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аҳаммияти хос пайдо мекунад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии масъала, мақсад ва ҳадафи омӯзиш, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологияи омӯзиш, миқёси ҳудудии таҳқиқот, навгониҳои илмии рисола, асосҳои назариявии таҳқиқот, муҳиммияти мавзуъ ва асосҳои методологии таҳқиқот баррасӣ гардидааст.

Муаллиф зимни таҳқиқи мавзуъ мақсад гузоштааст, ки вазъи лашкар ва таъминоти ҳарбии аморати Бухороро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дар иртибот

ба ин вазифаҳои мушаххасро, аз қабили тавсифи ҷараёни истилои бархе аз мулкҳои аморати Бухоро аз тарафи Русияи подшоҳӣ (солҳои 1865 - 1868), таҳлили маъхаз, маълумоти бойгонӣ ва адабиёти илмӣ роҷеъ ба авзои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ, таҳқиқи масъалаҳо доир ба ташкили лашкари муназзам дар аморати Бухоро, муайян намудани анъана ва навовариҳо дар умури лашкардории аморати Бухоро, тавсифи вазифа, унвонҳои ҳарбӣ, рутба ва уҳдадориҳои ҳарбиёни аморати Бухоро иҷро намояд.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** - таърихи лашкардорӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар давраи тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ то заволи аморат маҳсуб меёбад.

**Предмети таҳқиқот**-омӯзиши хусусиятҳои ташкил ва нигоҳдории қувваҳои ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ ( солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX ) мебошад.

**Асоси методологии** таҳқиқотро усулҳои илмии ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ асосёфта ташкил медиҳад. Дар ин таҳқиқот аз усулҳои хронологӣ-сулолавӣ, системавӣ-муқоисавӣ, оморӣ, таҷдиди таърихӣ, усули умумии универсалӣ, баён, детерминизм, таҳлил ва усулҳои таҳқиқотие, ки олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар дар асарҳои худ истифода кардаанд, истифода гардидаанд. Дар диссертатсияи мазкур, инчунин бо истифодаи методҳои маърифати инъикоси воқеаву ҳодисаҳои ҳарбию сиёсии солҳои тобеияти вассалии (протекторат) аморати Бухоро ба Россияи подшоҳӣ, омилҳои мусбат ва манфии лашкардорӣ нишон дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст мавзуи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Навоварии таҳқиқот мушаххастар ба тариқи зайл нишон дода мешавад:

1.Дар иртибот бо омӯзиши ин мавзуъ доир ба афкори ҳарбӣ ва низомии халқи тоҷик дар замони мавҷудияти аморати Бухоро, идора ва сохтори он, унвон ва амалҳои ҳарбӣ фикр ва мулоҳизаҳо баён шудаанд.

2.Мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудааст.

3.Дар диссертатсия бо истифода аз маълумоти маъхазҳои хаттӣ, бойгонӣ, ахбори мухталифи таҳқиқот ва асарҳои муаллифони гуногун ба таври васеъ лашкар, қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар иртибот бо ҳолат, идора ва анъанаҳо омӯхта шудааст.

Боби якуми диссертатсия **“Вазъи сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар давраи истило ва тобеи Россия гардидани он”** ном дошта фарогири ду зербоб мебошад. Дар он муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро бо Россия таҳлил карда шуда, задухӯрдҳои ҳарбӣ миёни аморати Бухоро ва Россияи подшоҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур, ки **“Истилои ҳудудҳои аморати Бухоро аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва истиқрори тобеияти вассалӣ ба Россия (солҳои 1865-1868)”** ном дорад, муаллиф таъкид менамояд, ки задухӯрдҳои ҳарбӣ миёни аморати Бухоро ва Россияи подшоҳӣ ва истилои аморат аз тарафи империяи Россия ва истиқрори протекторати давлати Россия чун мизони асосии кори аскарӣ, тартиботи низомӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар давраи мавриди омӯзиш мебошад. Зеро, айнан таҳлили муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбии аморат бо Россия вазъи ҳарбии амората аниқ нишон медиҳад. Тезу тунд гаштани муносибатҳои Бухоро ва Россияи подшоҳӣ соли 1865 баъди забти Тошканд аз тарафи лашкари рус боз ҳам авҷ мегирад. Амири Бухоро барои ҳимоя кардани шаҳри Тошканд, ки маркази иқтисодӣ ва мадании Осиёи Миёна буда дар шоҳроҳи абрешим ҷойгир буд, тамоман ҳуқуқи

комил дошт. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки мутаассифона амир Музаффар дар мубориза бар зидди Россияи подшоҳӣ на аз ҷиҳати маънавӣ ва на аз ҷиҳати ҳарбӣ омода буд ва барои амир дурандешии сиёсӣ, ҷуръат ва тадбирсозӣ намерасид. Илова бар ин, худи ӯ сабабгори асосии munoқишаҳои сиёсии дохилӣ ва задухӯрдҳои байни хонигариҳо буд.

Дар зербоби дуюми боби аввал "**Авзои сиёсӣ ва ҳарбии аморат дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)**" таҳқиқ шуда, таъкид мешавад, ки аз тарафи амир Музаффар пазируфта шудани мақоми вассалии империяи Россия сабаби норозигии як зумра ватанпарварони Бухоро гардид. Барои озод кардани ҳудудҳои забтшудаи аморати Бухоро фарзанди калонии Музаффар амирзода Абдумалик тӯра (1848-1909) ва бекҳои озодидӯст Ҷӯрабек, Бобобек ва писари Кенесари Қосимови қазоқ Султон Содиқ бо ҳам иттифоқ баста мубориза бурданд.

Ба андешаи муаллиф дар шароити вассалӣ аморати Бухоро аз охири асри XIX нафақат дар сиёсати хориҷӣ, балки дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт пойбанди империяи Россия буд. Россия ба доноӣ, вале ба тарзи хеле дағал ба умури аморат дахолат мекард. Россия ҳанӯз дар мақоми валиаҳд будани Абдулаҳад ӯро ба итоати худ даровarda, дар давраи ҳукмрониаш бошад, алоқаи стратегии худро бо ин давлат хеле вусъат бахшида буд. Дар кори аскарӣ, танзими лашкар ва таъминоти ҳарбӣ ҳам аморат аз доираи таъсири Россия набаромада буд.

**Боби дуюми диссертатсия "Ташкили қӯшун ва хидмати ҳарбӣ дар аморат: ҳолат ва идораи он"** ном дошта дар зербоби аввали он ташкили артиши муназзам ва таъминоти он дар аморати Бухоро мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Диссертант қайд менамояд, ки дар солҳои аввали ба сари қудрат омадани сулолаи манғитиён аморати Бухоро ба қӯшуни муназзам соҳиб набуд. Теъдоди хеле ками ҳарбиён дар аморат ба ҳифзи амир ва аъёни ӯ

ва таъмини осоиштагӣ дар шаҳрҳо машғул буданд. Дар вақти ҷанг ва юришҳо бо амри амир аз ҳисоби аҳолӣ лашкар тартиб дода ба амалиётҳои ҳарбӣ ҷалб карда мешуд. Дар аморати Бухоро то аввали асри XIX лашкари тибқи қоида ва расму русуми аз даврони Темур ва темуриён боқимонда тартиб додашуда ҳеҷ тағйиротеро аз сар нагузаронида буд.

Дар давраи ҳукуматдории сулолаи манғитиён ғайр аз сарбозони лашкари аморат то соли 1920 боз чанд гурӯҳҳои ҳарбии нав ташкил карда шуда буд. Муаррих Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ хабар дода аст, ки дар миёни солҳои 1917-1920 лашкари аморат аз чунин гурӯҳҳо (фавҷ) иборат буд: «низоми аскарияи Бухоро аз ҳафт фавҷ (гурӯҳ) иборат буд: 1.Тӯпчиён. 2. Казакҳои савора. 3. Шефский. 4. Терский. 5. Араббачагон. 6. Фавҷи Туркман. 7. Сарбозон. Дар диссертатсия ғайр аз ин гурӯҳҳо дар бораи дастаи болобомчиён ва шербачагон муфассал маълумот дода шудааст.

Дар зербоби дуввуми боби дуюм масъалаи анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангии лашкари аморат мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар давраи аввали истиқрори ҳукумати сулолаи манғитиён дар Бухоро ва баъди устувор шудани протекторати Россия бар аморат, дар соҳаи яроқу аслиҳа, ҳолати ҷангии омодагии армияи Бухоро, таъминоти он тағйироти чашмрасе ба даст наомада буд.

Муаллиф хулоса менамояд, дар мавриди таъминоти лашкари аморати Бухоро бо яроқу аслиҳа, таҷҳизоти он бо аслиҳаҳои замонавӣ баъзе тағйиротҳо ба чашм расанд ҳам, маълум мешавад, ки дар давраи вассалӣ аморат на танҳо аз Россия ва Аврупо, балки аз мамлакатҳои ниммустамликавии ҳамсоя чун Афғонистон ва Эрон хеле ақиб монда буд. Вазифаи мусаллаҳ ва муҷаҳҳаз кардани лашкари аморат бо яроқу аслиҳаи оташбори замонавӣ иҷро нашуда монда буд.

Боби сеюми диссертатсия **“Унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва таъмини моддии сарбозон”** ном дошта, дар зербоби аввали он **“Идораи лашкари**

**аморат: вазифа, унвонҳо дарачаи ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он”** дар аморати Бухоро дар давраи мавриди таҳқиқ таҳлил карда мешавад.

Муаллиф қайд менамод, ки таъин ба амал ва унвонҳо бештар дар арафа ва вақти идҳои мусалмонӣ эълон карда мешуд. Маълумотҳои бойгонӣ нишон медиҳанд, ки дарачаи зиндагии ҳарбиён дар нисбати аскарони қаторӣ ва аҳолии оддӣ беҳтар будааст. Аз тарафи дигар барои иштирок дар пахши баромадҳои халқӣ ҳам ҳарбиён бо мукофоти моддӣ ҳавасманд карда мешуданд

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия **“Қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти моддии лашкари аморат дар замони тобеияти вассалӣ”** вазъи ҳарбӣ ва модии лашкари аморат дар замони мавриди таҳқиқ баррасӣ шудааст.

Диссертант зикр мекунад, ки дар пажӯҳиши ин фасл маълумотҳои навин аз бойгонии қӯшбегии амири Бухоро ба доираи бозҷусти илмӣ ҷалб шудаанд. Таъкид мегардад, ки сарбозони дар хизматбуда рӯзона ба хизмати аскарӣ омада, шабона ба хонаҳои худ мерафтанд. Ҳолати казармаҳо (сарбозхона)-и онҳо хеле бад буд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи тобеияти аморати Бухоро ба Россияи подшоҳӣ як кӯшиши ба таври “аврупоӣ” ташкил додани лашкар роҳандозӣ шуда буд, вале он рамзан ба лашкари низомӣ монанд буду бас. Ба ақидаи муаллиф машқ ва тамринҳои аскарии лашкари Бухоро тибқи маълумоти манбаъҳо дар ҳақиқат хеле хандаовар ва ҳузновар буд. То замони ҳукуматдории амир Абулаҳад хизмати аскарӣ якумра буд. Дар сафи артиш баъзан мӯйсафедони 90-соларо ҳам дидан мумкин буд. Баъдан, хизмат то синни 60-солагӣ ҷорӣ шуда бошад ҳам, моҳиятан чизе дигаргун нашуда буд. Афсарони бесаводи аз тактика ва стратегияи ҳарбӣ бехабар, маъмурони тавассути пайванди хешовандӣ ва ришва соҳиби унвон ва амалҳои ҳарбӣ гашта, машқҳои ҳарбиро ҳам ба таври худ ва дар доираи фаҳмиши хеш мегузарониданд.

Дар хулоса натиҷаҳои умумии омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, муаллиф барои ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додани масъалаҳои бо кори ҳарбӣ, танзими лашкар, таъминоти аскарӣ, амал ва унвонҳои ҳарбӣ иртиботдоштаи аморати Бухоро ва тадқиқи вазъи он дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст.

Диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ таҳқиқоти баанҷомрасида, комил ва дар сатҳи муайяни илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаи хеш ноил гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисолаи мазкур камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Хуб мешуд, ки оиди якчанд нафар мансабдорон ва унвондорони ҳарбии миллатии тоҷик дар лашкардории аморати Бухоро миисолҳои конкретӣ оварда мешуд.

2. Ба назари мо, дар рисола оид ба таърихи тайёр намудани унвондорони ҳарбӣ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ маълумот камтар аст.

3. Адабиёту сарчашмаҳо дар повароқҳо (саҳ. 32, 42, 49, 52, 63, 83, 87, 112, 116, 139, 148, 154) ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ нестанд.

4. Дар рисола дар саҳифаҳои 4, 5, 9, 12, 24, 26, 58, 65, 125, хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд ва рисолаи мазкур таҳқиқоти илмии арзишманд ва мустақилона баанҷомрасида буда ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардида аст, мувофиқ мебошад.

Рисолаи номзадии Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзуи **“Лашкардории Аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраҳои таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” санаи 2 феврали соли 2023 муҳокима гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор»– 19 нафар; «муқобил» – нест; «бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № 7 аз 2 феврали соли 2023.

**Раисикунанда,**
**мудири кафедраи таърихи умумӣ**
**ва фарҳангшиносии МДТ**
**“ДДБ ба номи Носири Хусрав”,**
**доктори илмҳои таърих,**
**дотсент:** **Алимов Давлаталӣ Халилович**

**Ташхисгар,**
**мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Наботов Файзиддин Сайфидинович**

**Котиби ҷаласа:** **Қурбонов С.Ҳ.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори ШК ва КМ МДТ**
**“ДДБ ба номи Носири Хусрав”** **Шукурзод Ҷамшед Абдуалим**
06.02.2023

Маълумот барои тамос:
МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав”
Тел: (+992 3222) 2 45 20; 2 22 35
E-mail: btsu78@mail.ru
www. btsu.tj